# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ дар бораи фаъолияти тахассуснокӣ ва илмии унвонҷӯй Қаюмӣ Шаҳзода Тағо, ки диссертатсияаашро дар мавзуи: «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод кардааст**

Қаюмӣ Шаҳзода Тағо соли 2008 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро бо ихтисоси умури гумрук хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиаш дар солҳои 1998-2008 ҳамчун муаллимаи мактаби миёнаи №13 ва литсейи № 1-и шаҳри Кӯлоб, солҳои 2008-2011 мудири бахши саноат, нақлиёт ва алоқаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, сипас солҳои 2011-2012 мудири бахши саноат, нақлиёт, энергетика ва коммуникатсияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб, солҳои 2012 - 2014 сармутахассиси раёсати муассисаҳои таълимии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2017 сардори Шуъбаи муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намудааст.

Солҳои 2017-2019 сардори Раёсати саноати сабук ва пиллаи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2019-2020 сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2022 директори муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода», солҳои 2022-2023 директори филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат, солҳои 2023 – 2024 ба ҳайси директори муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Хуҷанд» фаъолият намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2024 ба вазифаи директори муассисаи давлатии “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” таъин ва то ҳол адои вазифа дорад.

Ба сифати унвонҷӯй 33 номгӯи корҳои илмиро омода ва нашр кардааст, аз ҷумла як монография ва 23 мақола дар нашриёҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода, инчунин таҳқиқоти диссертатсиониашро омода кардааст.

Унвонҷӯй худро ҳамчун таҳқиқотчии тахассуснок бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи иқтисодиёти саноат ва донистани методҳои

муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмӣ нишон дода, рисолаи "Низоми дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳимоя ва соли 2018 соҳиби унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Муаллиф худро ҳамчун таҳқиқотчии пухта расида дар интихоби дурусти мавзуи таҳқиқотии илмӣ ва асоснок кардани муҳимияти он нишон дода тавонист. Дар сатҳи даркорӣ донистани проблемаҳои таҳқиқоти илмӣ ба муаллиф имконият дод, ки ҳангоми таҳқиқоти масъалаҳои илмии кори диссертатсионӣ ҳолат ва вазъи фаъолияти корхонаҳо ва соҳибкории саноатии ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ доштаро таҳлил ва роҳҳои баландбардории фаъолияти рақобатпазирии онҳоро дар иқтисодиёти кишвар асоснок намояд.

Қаюмӣ Шаҳзода Таго бисёр маводҳо ва маълумотҳои омории корхонаҳои саноатӣ, вазорату идораҳои соҳаро оиди мавзуи таҳқиқотиаш ҷамъ оварда, таҳқиқ кардааст. Дар натиҷа муаллиф таҳқиқоти илмии муҳим ва саривақтиро иҷро ва кори диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмӣ пешниҳод намуд. Дар рафти таҳқиқоти илмӣ диссертант ҳалли масъалаҳои иқтисодии мураккаб, мустақилият ва боварии комил доштанро нишон додааст. Бо хислатҳои баланди меҳнатдӯстӣ ва эҷодкории доштааш муаллиф тавонист натиҷаҳои илмии шахсиро соҳиб шавад, ки навигариҳои илмӣ ва аҳамияти муҳими амалӣ доранд.

Диссертант Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсияи илмӣ ба нишондодҳои мушовири илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисон муносибати эҷодкорона намуда, мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гардидааст. Дар натиҷа вай тавонист моҳияти масъалаҳои мавзуи таҳқиқотиро пурмаъно кушояд ва аз хулосаҳои кори илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалию ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, форумҳо ва дар барномаҳои васоити ахбори омма иштирок ва суханронӣ намояд.

Қаюмӣ Ш.Т. ба сифати мутахассис дар коркард, таҳлил, тайёр кардани барномаҳо ва дигар дастуру воситаҳои тавсиявии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намудааст.

Барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, саҳми назаррас ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ соли 2021 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Хизмати шоиста», соли 2018 бо фармони Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали "Корманди фахрии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2007 бо Қарори

мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳрии Тоҷикистон бо нишони "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шудааст.

Қаюмӣ Шаҳзода Таго дар навиштани кори диссертатсионӣ фаъолияти мустақилона ва муносибати эҷодкорона нишон дода тавонист. Кори диссертатсионии навишта тайёр кардаи муаллиф дорои навигариҳои илмӣ ва аҳамияти муҳими амалӣ мебошад.

Бо назардошти навиштаҳои боло ҳисоб кардан мумкин аст, ки Қаюмӣ Шаҳзода Таго мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро оиди навиштани кори диссертатсионӣ бомуваффақият ҳал кардааст. Кори диссертатсионии вай мантиқан кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона ба анҷом расонида мебошад, ки муносибатҳои нави иқтисодиро оиди илман асоснок кардани такмилдиҳии дастгирии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар Тоҷикистон муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати кори диссертатсионӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ пурра ҷавобгӯй аст ва унвонҷӯй Қаюмӣ Шаҳзода Таго сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфӣ-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва назорати ДТТ, н.и.с.** **Раҳматулло Нусратулло**